ТАҲЛИЛИ
таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2017, №23"

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2017, №23" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ намебошанд, операторони низоми пардохтӣ |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 30.11.2024 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 11 октябри соли 2023 ҷойгир карда шуда, аз 11 октябр то 11 ноябри соли 2023 машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи Тартиби мазкур гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. Оид ба гузаронида шудан ва анҷоми машварати оммавӣ хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2023, |

| | |
|---|---|
| хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | №139/2с пешниҳод гардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Санаи 22 июни соли 2023 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" дар таҳрири нав қабул гардид, ки раванди гирифтани иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро боз ҳам содатар гардонид.<br>Вобаста ба ин зарурат пеш омадааст, ки талаботи "Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ" ба талаботи қонуни мазкур мутобиқ гардонида шавад. Аз ҷумла, дар "Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ" тартиби ба таври электронӣ қабул намудани ариза, азнавбарасмиятдарорӣ, додани нусха (дубликат) ва бекор кардани амали иҷозатнома, инчунин пардохти хироҷи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома пешбинӣ нагардидааст. Айни ҳол, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба шахсони ҳуқуқӣ 10 иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ дода шудааст.<br>Дар ҳолати ворид накардани тағйиру иловаҳои дахлдор ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эҳтимолияти он вуҷуд дорад, ки шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми ба таври электронӣ пешниҳод намудани ариза, азнавбарасмиятдарорӣ ва гирифтани нусха (дубликат)-и иҷозатнома, инчунин анҷом додани пардохти хироҷҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда ба мушкилии ҳуқуқӣ дучор оянд. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти иҷозатдиҳанда дар соҳаи низоми пардохтӣ бо мақсади сода ва шаффоф намудани раванди додани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ ва мутобиқ намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қарори Раёсати |

| | |
|---|---|
| | Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба “Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ””-ро таҳия намуд. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Дар доираи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур масъалаҳои зерин мавриди танзим қарор мегиранд:<br>- тартиби ба таври электронӣ пешниҳод намудани ариза барои гирифтани иҷозатнома;<br>- тартиби азнавбарасмиятдарорӣ иҷозатнома;<br>- тартиби додани нусха (дубликат)-и иҷозатнома;<br>- тартиби бекор кардани амали иҷозатнома;<br>- тартиби пардохти хироҷи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Ба ҷуз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур дигар роҳи ҳал кардани мушкилиҳо вуҷуд надоранд, зеро маҳз Тартиби мазкур санади меъёрии зерқонунӣ буда, тартиби гирифтани иҷозатномаро барои анҷом додани фаъолияти оператори низоми пардохтӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ намебошанд), барасмиятдарорӣ ва тартиби бозхонди иҷозатномаро муқаррар менамояд. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад.<br>Дар ҳолати қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқии мазкур ба чунин оқибатҳои иҷтимоию |

| | |
|---|---|
| ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | иқтисодӣ оварда мерасонад, аз ҷумла:<br>*Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:*<br>– тартиби гирифтан, азнавбарасмиятдарорӣ ва додани нусха (дубликат)-и иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ сода ва шаффоф мегардад.<br>*Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:*<br>– пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳо барои гирифтани иҷозатнома ба таври электронӣ имконпазир мегардад, ки раванди иҷозатномадиҳиро барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ осон ва қуллай мегардонад, барои сарфаи вақт ва тезонидани суръати пешниҳоди хизматрасонӣ мусоидат менамояд. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур барои боз ҳам мукаммал ва шаффоф шудани раванди баррасии ариза ва бастаи ҳуҷҷатҳои довталабони иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ замина гузошта, барои зиёд шудани шумораи операторони низоми пардохтӣ ва ба ин васила ба рушд ва гуногуншаклии хизматрасониҳои пардохтӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 01.01.2025 |

Муовини раис Икромӣ С. С.